**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №**
**Қарори шурои диссертатсионӣ**
**аз 21 феврали соли 2026, №92**

**Дар бораи сазовор донистани Исозода Файзиддин Исо, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ санаи 6-уми декабри соли 2025, №84 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Исозода Файзиддин Исо 2 феврали соли 1996 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2014 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро соли 2019 хатм намудааст.

Солҳои 2020-2021 ба ҳайси нозир-коргузорӣ шуъбаи Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон фаъолияти худро шӯруъ кардааст. Солҳои 2021-2023 мутахассис ва мутахассиси пешбари шуъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон. Соли 2024 мутахассиси пешбари шуъбаи ҳуқуқи дастгоҳи раиси вилояти Хатлон ва аз соли 2025 то инҷониб сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқи дастгоҳи раиси вилояти Хатлон фаъолият мекунад. Ҳамзамон, ӯ аз 21 январи соли 2023 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ қабул карда шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2023, №5 тасдиқ шудааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ 25 октябри соли 2025, №91 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 30 октябри соли 2025, №3 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Давлатзода Комрон Давлат, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи (Славянии) Тоҷикистон ва Россия.

– **Оралбоев Ҳамза Ҳайдарович –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе).**

Дар хулосаи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи пешгирии терроризм ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Ҳ.С., (5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Заробидинзода С.З. ва котиби ҷаласа номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Аҳёзода Ш.Т. имзо ва аз ҷониби сардори шуъбаи кадрҳои Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода А.Р., дар санаи 28 январи соли 2026 тасдиқ шудааст, иброз медорад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки рисолаи илмӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои сатҳи баланди мантиқӣ мебошад. Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ вобаста ба масъалаи мавриди назар таҳлили ҳамаҷониба гардидааст Дар натиҷаи таҳлил паҳлӯҳои мусбати қонунгузории мазкур муайян ва ҳамзамон, баъзе камбудиву норасоиҳои он ошкор карда шуданд. Муаллиф дар асоси таҳлили анҷомдода пешниҳодҳои мушаххаси

назариявиро тахия намуд, ки барои бартараф намудани камбудиҳои муайянгардида ва такмили танзими ҳуқуқӣ равона шудаанд.

Аз ҷониби рисоланавис шарҳу маънидоди муаллифона оид ба муаммоҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот пешбарӣ гардида, дар асоси онҳо пешниҳодҳое коркард шудаанд, ки ба ҳалли вазифаҳои қайдгардида, ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ равона мешаванд. Унвонҷӯ доир ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 12 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз ин шумора 3 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 мақолаи дигар дар нашрияҳои дигар ба нашр расидаанд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Исозода Ф.И. Таҳлили муқоисавӣ–ҳуқуқии қаллобӣ дар соҳаи иттилоот тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ [Матн] / Ф.И. Исозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2024 – №9. – С. 302 – 309. ТДУ: 339.9 (575.3); ISSN 2413-5151

**[2-М].** Давлатзода К.Д., Исозода Ф.И. Тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ [Матн] / Давлатзода К.Д., Ф.И. Исозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2025 – №2. – С. 241 – 247. ТДУ: 343 (575.3); ISSN 2413-5151

**[3-М].** Исозода Ф.И. Тавсифи ҳуқуқи-ҷиноятии субъекти ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот [Матн] / Ф.И. Исозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2025 – №5. – С. 293 – 300. ТДУ: 347 (575.3); ISSN 2413-5151

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[4-М].** Давлатзода, К.Д., Исозода Ф.И. Ташаккули қонунгузорӣ дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / К.Д. Давлатзода, Ф.И. Исозода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба «75-солагии ДМТ», 30-юмин солгарди қабули конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Соли маърифати ҳуқуқи эълон гардидани соли 2024» ва нақши д.и.ҳ., профессор Муллоев М.М. дар рушди илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва криминология. – Душанбе-2024. – С. 173-180.

**[5-М].** Исозода, Ф.И. Масъалаҳои ҳуқуқии ҷиноятии ғайриқонуни даромадан ба иттилоот бо истифода аз Интернет [Матн] / Ф.И. Исозода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба «75-солагии ДМТ», 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Соли маърифати

ҳуқуқи эълон гардидани соли 2024» ва нақши д.и.ҳ., профессор Муллоев М.М. дар рушди илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва криминология//. – Душанбе-2024. –С. 258-265.

**[6-М].** Исозода, Ф.И. Таҳқиқоти ҳуқуқии ҷиноятии мафҳуми ғайриқонунӣ бо даст овардани иттилоот [Матн] / Ф.И. Исозода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 //. – шаҳри Бохтар-2024.– С.317-321.

**[7-М].** Исозода, Ф.И. Ташаббусҳои минтақавию байналмилалии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ [Матн] / Ф.И. Исозода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024» //. – шаҳри Бохтар-2024.– С.468-471.

**[8-М].** Исозода, Ф.И. Дуздии онлайнии иттилоотӣ шахсӣ ҳамчун намуди нави ҷиноятҳое, ки тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникат-сионӣ содир мешавад [Матн] / Ф.И. Исозода // Маводҳои конференсияи байналмилаии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 100-солагии Виктор Аркадевич Ойгензихт «Танзими ҳуқуқии сайёҳӣ ва сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ДМТ, 24 октябри соли 2024 //. – шаҳри Душанбе-2024.– С. 226-230.

**[9-М].** Давлатзода, К.Д., Исозода Ф.И. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил [Матн] / К.Д. Давлатзода, Ф.И. Исозода // Маводҳои конференсияи байналмилаии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 100-солагии Виктор Аркадевич Ойгензихт «Танзими ҳуқуқии сайёҳӣ ва сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ДМТ, 24 октябри соли 2024. – шаҳри Душанбе-2024.– С. 231-234.

**[10-М].** Исозода, Ф.И. Ҷаҳонишавии проблемаҳои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот [Матн] / Ф.И. Исозода // Маводҳои конференсияи байналмилаии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами маърифати ҳуқуқӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ: дастовард ва дурнамо» // Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, – шаҳри Кӯлоб-2024. – С. 90-94.

**[11-М].** Исозода, Ф.И., Насриддинзода М. Хусусиятҳо, оқибатҳо ва хатари терроризми иттилоотӣ ба амнияти миллӣ [Матн] / Ф.И. Исозода, М. Насриддиинзода // Маводҳои конференсияи байналмилаии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами маърифати ҳуқуқӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ: дастовард ва дурнамо» // Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, – шаҳри Кӯлоб-2024. – С. 94-98.

**[12-М].** Давлатзода, Д.Д., Исозода Ф.И. Криминологические проблемы предупреждения незаконное получение информации [Матн] / Д.Д. Давлатзода, Ф.И. Исозода // Материалы международной научно-теоретической конференции, посвященной Международному дню прав человека, 30-летию принятия Конституции Республики Таджикистан и объявления 2024 года «Год правового просвещения» //.– город Душанбе-2024.– С.263-267., ТДУ: 342.7 (063.3); ТКБ:67.69 (2); ISBN 978-99985-0-606-0

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Ҳамроев Ш.С.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Тоҷикистон ва Россия;

**Иброҳимов С.И.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сарходими илмии шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Сафарзода Н.Ф.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Саидзода А.М.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, прокурори шуъбаи мубориза бо ҷиноятҳои кибернетикии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири адлияи дараҷаи 3.

Ҳамаи тақризҳо мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳое оварда шудаанд, ки баҳсталабанд.

1. Дар банди 13 хулосаи дар автореферат овардашуда қайд шудааст, ки тарафи субъективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ гуноҳ дар шакли қасди бевоситаро ташкил медиҳад. Аммо аз таҳлили қисмати хулоса ва тавсияҳои автореферати мазкур бармеояд, ки вобаста ба ин масъала муаллиф андешаҳои худро асоснок накардааст. Шояд масъалаи мазкур дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта бошад, бинобар ин, пешниҳод гардидааст, ки муаллиф андешаҳои худро ҳангоми дифои рисолаи илмӣ ироа намояд.

2. Дар автореферат бештар ба таҷрибаи кишварҳои пасошӯравӣ такя шудааст, вале таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи Аврупо, ки таҷрибаи бойтар дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ доранд, қонунгузории фарогир дар ин самтро доранд ба таври кофӣ баррасӣ нашудааст.

3. Дар нуктаи якуми илмии ба ҳимоя пешниҳод шаванда, ки ба такмили қонунгузорӣ равона шудаанд, муаллиф иброз менамояд, ки ба боби 20 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи алоқа ва истифодаи шабакаҳои телекоммуникатсионӣ»-и муқаррароте ворид карда шавад, ки ҷавобгарии маъмуриро барои

ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ, ки боиси расонидани зарари ҷиддӣ намегардад, пешбинӣ намояд. Аз мазмуни пешниҳод маълум мегардад, ки диссертант асоснокии ин пешниҳодро пурра шарҳ надодааст.

4. Муаллиф ҷиҳати мушаххас ва пурра намудани диспозитсияи м. 301 КҶ ҶТ дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар қисми 3-юми моддаи 301 КҶ ҶТ чунин муқарраротро барои мукаммалгардии КҶ ҶТ пешниҳод менамояд: **банди д) боиси нобудшавӣ ва ё бахташавӣ, иттилоот гардида бошад.** Пешниҳоди мазкур дар сатҳи авторефрат чандон асонок карда нашудааст, хуб мешуд муаллиф онро дар рафти ҳимоя асоснок менамуд.

Бояд қайд намоем, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 1 майи соли 2025, №264) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд.

Бояд зикр намуд, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар аз руйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ интихоб гардида, таҳқиқоти илмие, ки онҳо ба анҷом расонидаанд ба мавзуи таҳқиқотии муаллиф алоқамандии зич дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**- коркард карда шуд:** Таҳқиқоти мазкур аввалин кори илмӣ дар ин самт ба ҳисоб рафта, навгонии илмиаш дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори нахуст дар сатҳи кори илмӣ масъалаҳои ҷавобгарии ҷинояти барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалиро ба таври комплексӣ ва ҳамаҷониба таҳлил намудааст.

**- пешниҳод шудааст:** ҷиҳати мушаххас ва пурра намудани диспозитсияи моддаи 301 КҶ ҶТ мувофиқи мақсад аст, ки дар қисми 3-юми моддаи 301 КҶ ҶТ меъёрҳои алоҳида дар мазмуни зайл ифода карда шавад:

д) боиси нобудшавӣ ва ё басташавӣ, иттилоот гардида бошад;

е) аз ҷониби шахсе, ки аз мақоми хизматиаш истифода мебарад, ҳамзамон аз ҷониби шахсе, ки ба компютер ва технологияҳои гуногунӣ иттилоотию коммуникатсионӣ ё шабакаи онҳо дастрасӣ дошта бошад, содир шуда бошад.

**- исбот шудааст:** объекти намудии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот танҳо ба як боб маҳдуд шуда наметавонад, вале вақте, ки сухан дар бораи боби «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» (боби 28 КҶ ҶТ) меравад, боби мазкур танҳо амнияти иттилоотие, ки ба технологияи

компютерӣ, системаи компютерӣ ва шабакаҳои компютерӣ равона шудаанд, дар назар дорад. Камбудӣ дар он аст, ки амнияти иттилоотӣ дар боби 28 КҶ ҶТ ҷой дорад, ин аст, ки амнияти иттилоотиро ба маънои маҳдудтар истифода намудааст. Зарур аст, ки номи боби 28 КҶ ҶТ ба таври зайл муқаррар карда шавад: «Боби 28 Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ ва алоқа».

**- ҷорӣ намудан:** бо дарназардошти пажуҳиши кодексҳои ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ ва пасошуравӣ зарурияти ворид намудани меъёри алоҳида дар мазмуни зерин:

**Моддаи 301 (1). Таҳия, интишор ва паҳн кардани иттилоот, тавассути шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо**

Таҳия, интишор ва паҳн кардани иттилоот, тавассути шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасонионҳо, ки боиси халалдор гардидани тартиботи ҷамъиятӣ ва косташавии арзишҳои ахлоқию фарҳангӣ мегардад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он ба рушди минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ мусоидат намуда заминаи назариявию методологии омӯзиши мушкилоти марбут ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотро аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ такмил медиҳанд. Хулоса ва пешниҳодҳои бадастомада барои илм муҳим буда, метавонанд дар ҷараёни таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ ба таври васеъ истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшудаи диссертатсия метавонанд дар фаъолияти қонунгузорӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва судҳо метавонанд истифода карда шаванд. Ғайр аз ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот ҷиҳати мукаммалгардонии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ истифода бурда шавад. Натиҷаҳои тадқиқот мумкин аст, инчунин дар раванди таълимӣ – зимни таҳияи бобҳои дахлдори китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ, инчунин машғулиятҳо аз фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** ҷанбаҳои консептуалии илмҳои фалсафа, сотсиология, психология, инчунин назарияи фанҳои ҳуқуқӣ (криминология, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ) ҳамзамон, усулҳои илмии ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, таҳлилӣ, усулҳои мушаххаси сотсиологӣ, омориву криминологӣ, таърихию ҳуқуқӣ самаранок истифода шудаанд. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои

амалии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудаанд, самаранок истифода шудаанд.

- **баён шуд**, ки дастрасии ғайриқонунӣ ба маълумоти ҳифзшаванда, воридшавӣ ба системаҳои иттилоотӣ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар шаклҳои истифодаи ғайриқонунии захираҳои иттилоотӣ ба амнияти иттилоотии шахс, ҷомеа ва давлат хатар эҷод менамояд. Аз ин рӯ тарафи объективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютериро худи бо роҳи ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот бо кадом роҳе набошад, ташкил медиҳад. Асос ин, ки меъёрҳои қонунгузорӣ дар ин самт вайрон шуда бошад ва ба ҷамъият, давлат ё шаҳрвандон заррар расидааст.

- **ошкор гардидани** он, ки дар моддаи 301 КҶ ҶТ калимаҳои «нусхабардории қасдани ғайриқонунӣ» ва «бо дигар усули ғайриқонунӣ» ҳар ду як маъноро ифода мекунанд. Нусхабардории ғайриқонунӣ як усули ғайриқонунӣ ба даст овардани маълумот мебошад. Пас дар алоҳидагӣ дар диспозитсияи модда овардани он (нусхабардории ғайриқонунӣ) шарт нест ва дар ҷойи ин ду ибора «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» истифода шавад мувофиқи мақсад мебошад.

- **омухта шуданд:** Қонунгузории миллӣ, қонунгузориҳои ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои таҷрибаи судӣ вобаста ба «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот».

- **аз нав такмил додани:** меъёрҳои қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот»: масоили танзими ҳуқуқии ҷиноятии он. Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки натиҷаҳои таҳлил метавонанд ҳангоми такмили меъёрҳои КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муккамал намудани қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ба таври васеъ истифода бурда шаванд. Инчунин, бо мақсади дар назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ якранг дарк намудани мафҳуми «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» ҳамчун тарзи содиркунии ҷиноятҳои қасдона, инчунин, ҷиҳати бартараф намудани саҳв ҳангоми бандубасти ҷиноят пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» дар сатҳи қонунгузории ҷиноятӣ мустаҳкам карда шуда, барномаҳои таълимӣ ва стандартҳои давлатӣ дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ қабул гарданд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ** дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки: аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулосаҳои муаллиф, ки дар раванди таҳлили масъалаҳои марбут ба

«ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» аз нуқтаи назари илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба даст омадаанд, инчунин тавсияҳои амалӣ, ки дар асоси онҳо барои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таҳия шудаанд, ба баланд гардидани самаранокии механизмҳои муқовимат ба он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.

- **муайян карда шуданд**, ки объекти бевоситаи ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба сохтан, ба даст овардан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани иттилооти компютерии бо қонун ҳифзшаванда ва таъминкунандаи доимии вазъи амнияти иттилоотӣ ва кори муътадили МЭҲ, системаи МЭҲ ё шабакаҳои онҳо мебошад.

- **офарида шуд**: мафҳуми «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот – ин гирифтани иттилоот бе ризоияти шахси истифодабарандаи он, ворид гардидан ба маълумоти махфӣ, ғайриқонунӣ дастрасӣ пайдо намудан ба системаҳо, додаҳо, барномаҳо ва иттилооте, ки дар хотираи воситаҳои гуногуни техникӣ маҳфузанд».

- **муаррифӣ карда шуд**: раванди ташаккул ва такомули қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти танзими ҳуқуқии ҷиноятҳое, ки ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот марбутанд ва таҳлили муқоисавии намудҳои ҷазоҳоро вобаста ба ҷинояти мазкур бо дарназардошти хусусиятҳои фарқкунандаи ҳар як давра, шароити сиёсиву иҷтимоӣ ва сатҳи рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки унвонҷӯ ҳангоми пажӯҳиш ба андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёри-ҳуқуқии байналмилалӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намуда, ҷиҳати ҳал намудани мушкилоти ҷойдошта дар самти ҷавобгарии ҷинояти барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ андешаҳои худро баён намудааст. Ҳамчунин, натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳои муаллиф дар заминаи маълумоти оморӣ, ҷамъбасти амалияи судӣ ва тафтишотӣ ба даст оварда шудаанд.

- **барои корҳои таҷрибавӣ,** дар Фасли 11 КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» (бобҳои 26-27) зарур аст, ки моддаи нав дар бораи тасарруфи иттилоотӣ компютерӣ, ки ба шаҳрванд, ҷамъият ва давлат зарари молумулкӣ мерасонад, пешбинӣ карда шавад.

- **ғоя асоснок шудааст**, дар заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маълумоти оморӣ ва таҳлили маводи доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ зарурати муайян кардани ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, ҳамчун маҷмуи алоҳидаи кирдорҳои

барои ҷамъият хавфнок ва ғайриқонунӣ, ки қаблан дар сатҳи қонунгузорӣ ва дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян карда нашудаанд, асоснок карда шудааст;

- **истифода шудаанд:** дар раванди таҳқиқот таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумлаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зиёда аз 171 парванда аз бойгонии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шуд, инчунин, маълумотҳои омории Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

- **муайян шудаанд:** аз таҳлили қонунгузории давлатҳои хориҷӣ муайян шудааст, ки сохтори таркибӣ ва мавқеи ҷойгиршавии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар низоми қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ дар шаклҳои гуногун дида мешавад. Омилҳои асосии ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз амалҳои ҷиноятkорона инҳоянд: дар қонунгузорӣ инъикоси усулҳои аз ҷиҳати технологии нави содир намудани кирдорҳои ғайриқонунӣ бо истифода аз технологияҳои киберӣ ва оқибатҳои эҳтимолии онҳо, махсусан амалҳои ғайриқонунӣ нисбат ба системаҳои киберфизикӣ, ба монанди ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, вайрон кардани системаҳои хизматрасониҳои ҳаётан муҳим; аз ҷумла онҳое, ки тавассути инфрасохтори тақсимшудаи фаромарзӣ сурат мегиранд; аз ҷониби мақомоти дахлдор баррасии масъалаи ворид намудани иловаҳо ба қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба кирдорҳои ғайриқонунӣ, ки бо истифода аз воситаҳои технологӣ содир шудаанд таваҷҷуҳи асосӣ бояд ба раванди ҷорӣ намудани стратегия ва принсипҳои муқовимати фаъолона бо ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот равона карда шавад, то шароити мусоид ба муборизаи чунин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъмин карда шавад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми довталаб дар иштироки бевоситаи ӯ дар таҳқиқи диссертатсионӣ, баррасии ғояҳо, таҳияи консепсияҳо, натиҷаҳо ва муқаррароти илмӣ то сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, муқаррароти илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конфронсҳои байналмилалӣ зоҳир мегардад.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 21 феврали соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Исозода Файзиддин Исо, дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд тасдиқ гардидааст 15 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5

нафарашон доктор ва 1 нафар номзад аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 15 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**

**21 феврали соли 2026**